**Замимаи №1**
**Ба Дастурамали тартиби сабтиномакунии маълумоти созишномаҳои соҳавӣ (тарафӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ**

# Санади бақайдгирӣ

Оиди ба тартиби сабти номкунии созишномаҳои соҳавӣ (тарафӣ),минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ

**Ба қайд гирифта шуд, дар: Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Сино**

**(Мақомоти бақайдгиранда)**

***Шартномаи коллективии МТҒ Донишкадаи тиббӣ иҷтимоии Тоҷикистон***

(номгӯи созишнома ва шартномаи коллективӣ)

**Байни корфармо Ибодзода З.Ҳ.**
**ва корманд:**
**Иттифоқи касаба Сайфуллоева М.Ҳ.**

(тарафҳое, ки созишнома ва шартномаро имзо намуданд)

**Рақами қайд №_59_ аз «_16_» _02_ соли 2024 то «_16_» _02_ соли 2026**

**Ҳангоми ворид кардани тағйиру иловаҳо ба шартномаи коллективӣ, инчунин бинобар итмоми муҳлати амалии шартномаи мазкур бояд дар давоми даҳ рӯзи баъд аз имзо шуданаш барои бақайдгирии огоҳонӣ аз нав пешниҳод карда шавад.**

**Сардори шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Сино** **Солиҳов М.Х.**

Шартномаи коллективӣ дар ҷаласаи
умумии коллективи меҳнатии ________________
«16» ______02______ 2024сол
қабул карда шудааст.

# ШАРТНОМАИ КОЛЛЕКТИВӢ
# БАРОИ СОЛҲОИ 2024-2026

Душанбе – 2024

**Замимаи №1**
**Ба Дастурамали тартиби сабтиномакунии маълумоти созишномаҳои соҳавӣ (тарафӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ**

# Санади бақайдгирӣ

Оиди ба тартиби сабти номкунии созишномаҳои соҳавӣ (тарафӣ),минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ

**Ба қайд гирифта шуд, дар: Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Сино**

**(Мақомоти бақайдгиранда)**

***Шартномаи коллективии МТҒ Донишкадаи тиббӣғичтимоии Тоҷикистон***

(номгӯи созишнома ва шартномаи коллективӣ)

**Байни корфармо Ибодзода З.Ҳ.**
**ва корманд:**
**Иттифоқи касаба Сайфуллоева М.Ҳ.**

(тарафҳое, ки созишнома ва шартномаро имзо намуданд)

**Рақами қайд №____ аз «____» _____соли 2024 то «____»_____соли 2026**

**Ҳангоми ворид кардани тағйиру иловаҳо ба шартномаи коллективӣ, инчунин бинобар итмоми муҳлати амалии шартномаи мазкур бояд дар давоми даҳ рӯзи баъд аз имзо шуданаш барои бақайдгирии огоҳонӣ аз нав пешниҳод карда шавад.**

**Сардори шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Сино** **Солиҳов М.Х.**

Замимаи №2
Ба Дастурамали тартиби
сабтиномакунии маълумоти
созишномаҳои соҳавӣ
(тарафӣ), минтақавӣ ва
шартномаҳои коллективӣ

**Санади бақайдгирӣ**

Оиди ба тартиби сабти номкунии созишномаҳои соҳавӣ (тарафӣ),минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ

**Ба қайд гирифта шуд, дар: Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Сино**

**(Мақомоти бақайдгиранда)**

***Шартномаи коллективии МТҒ Донишкадаи тиббӣғичтимоии Тоҷикистон***

(номгӯи созишнома ва шартномаи коллективӣ)

**Байни корфармо Ибодзода З.Ҳ.**
**ва корманд:**
**Иттифоқи касаба Сайфуллоева М.Ҳ.**

(тарафҳое, ки созишнома ва шартномаро имзо намуданд)

**Рақами қайд №____ аз «____» _____соли 2024 то «____»_____соли 2026**

**Ҳангоми ворид кардани тағйиру иловаҳо ба шартномаи коллективӣ, инчунин бинобар итмоми муҳлати амалии шартномаи мазкур бояд дар давоми даҳ рӯзи баъд аз имзо шуданаш барои бақайдгирии огоҳонӣ аз нав пешниҳод карда шавад.**

**Сардори шуъбаи Агентии меҳнат**
**ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Сино Солиҳов М.Х.**

10.5. Дар ҳудуди маблағҳои ҷудокардашуда ёрии моддӣ расонидан ба кормандон пештара (собиқ) ветерани меҳнат ва нафақахӯрон.

10.6. Ёрии моддӣ расонидан ҳангоми ҳодисаҳои нохуш, фавти хешовандони наздик (волидайн, зан ва фардзандон) дар ҳудуди маблағҳои ҷудокардашуда.

## XI. Муқаррароти хотимавӣ

11.1. Шартномаи коллективии мазкур дар муддати __ сол баста шудааст. Шартномаи зикршуда аз рӯзи ба имзо расиданаш ҳуқуқи амалӣ дорад ва дар муддати ҳамон вақт амал мекунад. То охири ин мӯҳлат шартномаи коллективӣ он амалеро иҷро мекунад, ки то тарафҳо, навашро набанданд.

11.2. Тарафҳо ба созиш омада, тартиби илова, дигаркунӣ ва пурракунии шартномаи коллективиро барои бастани шартномаи коллективии муқарраршуда, танҳо бо ризогии тарафайн, дохил мекунанд.

11.3. Матни шартномаи коллективӣ аз тарафи корфармо дар муддати 15 рӯзи баъди басташудани шартнома, ба маълумоти коргарон расонида мешавад.

11.4. Назорат аз болои иҷроиши шартномаи коллективӣ аз ҳар ду тараф амалӣ гардонида мешавад.

Тарафҳо ҳар сол оид ба иҷрои шартномаи коллективӣ дар маҷлисҳои коллективии меҳнатӣ ҳисобот медиҳанд. Ба ҳисобот шахсони аввалини ҳар ду тарафи ба шартномаи коллективӣ имзокарда, баромад мекунанд.

11.5. Шахсони мутасаддӣ дар ҳолати иҷро накардани шартномаи коллективӣ дар асоси моддаи 313 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари** МТТ ДТИ Т | **Раиси** Иттифоқи касабаи кормандони МТТ ДТИ-Т |
| (мақомоти даҳлдори давлатӣ) | (кумитаи иттифоқи касаба) |
| Ибодзода Б. | Сайфуллоева М. |
| (имзои роҳбар, ному насаб) | (имзои раис, ному насаб) |

Маҷлиси умумии якҷояи маъмурият ва кумитаи иттифоқи касаба ба инобат гирифта шавад.

Маъмурият ва кормандони муассиса баромади Раиси иттифоқи касабаи муассисаро дастгирӣ намуда розигии худро доданд.

Охунов Б.Х – муовини ректор оид ба тарбия ______________

Нодироа А.А - мутахассиси Раёсати таълим ______________

Муллоҷонова Ф.М – Раиси занон ва бонувони донишкада ______________

Ҳайдарзода Б.М - мудири шуъбаи кор бо ҷавонони донишкада ______________

# ШАРТНОМАИ КОЛЛЕКТИВӢ

## I. Қоидаҳои умумӣ

### Мафҳум ва мазмуни шартномаи коллективӣ

Шартномаи коллективии мазкур, санади меъёрӣ - ҳуқуқӣ буда, танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ, иқтисодӣ-иҷтимоии байни корфармо ва коргар мебошад, ки дар асоси Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматчиёни давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён», ба танзим даровварда шудааст.

1.1. Тарафи дар ҳамин шартнома ҳамчун кордеҳ маҳсубёфта, Ибодзода Ҳ.Ҳ. ректори МТҒ ДТИТ, ки
*роҳбари муассиса, ташкилот ё корхона (новобаста аз шакли моликият)*
аз ин пас «**Корфармо**» меномем ва намояндаи коргарони МТҒ ДТИТ раиси иттифоқи касабаи
*номи муассиса, ташкилот ё корхона (новобаста аз шакли моликият)*
Сайфуллоева Л. аз ин пас «**коргар**» меномем.
*(ному насаб)*

1.2. Корфармо намояндаи иттифоқи касабаро ҳамчун намояндаи ягонаи коргарони МТҒ „Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"
*номи муассиса, ташкилот ё корхона (новобаста аз шакли моликият)*
қабул намуда, дар маҷлиси умумии коллекиви меҳнатӣ, ӯҳдадор карда мешавад, ки манфиатҳои коргаронро дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иқтисодӣ- иҷтимоӣ намояндагӣ кунад.

1.3. Раиси иттифоқи касаба ӯҳдадор аст, ки барои самаранокии кори МТҒ „Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" бо
*номи муассиса, ташкилот ё корхона (новобаста аз шакли моликият)*
методи махсусе дар асоси оинномааш, ки иттифоки касаба дар худуди маблағҳое, ки дар харҷномаи хароҷотҳои фонди инкишофӣ-иҷтимоии МТҒ „Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" инъикос
*номи муассиса, ташкилот ё корхона (новобаста аз шакли моликият)*
ёфтааст, ҳамкорӣ намояд.

## II. Шартҳои қабул ва аз кор хориҷкунӣ.

Корфармо вазифадор аст:

2.1. Кормандонро дар асоси озмун барои ишғоли вазифа ба шуъбаҳо, идораҳо, департаментҳои МТҒ ДТИТ
*номи муассиса, ташкилот ё корхона (новобаста аз шакли моликият)*
ба кор қабул карда, онҳоро бо ӯҳдадориҳои вазифавии дар шартномаи коллективии муассиса нишон додашуда, тарзи таъин ва пардохти музди меҳнат, реҷаи кор ва дамгирӣ, имтиёзҳои муқарраргардида, қоидаҳои дохилии тартиботи меҳнатӣ ва ӯҳдадорӣ барои ҳифзи ахборот шинос намояд.

2.2. Бо назардошти талаботи муассиса, ташкилот ё корхона ва нигоҳ доштани сатҳи баланди касбияти кормандон санҷишҳои аттестатсионӣ доир кунад.

2.3. Дар мавриди бо ташаббуси корфармо аз кор озод карда шудани корманд фармонро дар ин бора бо иттифоқи касаба мувофиқа мекунад.

2.4. Масъалаҳои бо фаъолияти сохтори
МДТ „Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"
*номи муассиса, ташкилот ё корхона*
алоқаманд, аз ҷумла кам ё зиёдкунии ҷойҳои кор ва воҳидҳои кориро бо ширкати иттифоқи касаба баррасӣ намояд.

2.5. Тибқи талаботи моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор монданро барои кормандони зайл дар сурати бекор шудани шартномаи меҳнатӣ (қарордоди) таъмин намояд:

- ба кормандоне, ки ду ва аз ин зиёд хӯранда доранд;
- ба шахсоне, ки дар оилаашон дигар кормандони дорои музди меҳнати мустақилона мавҷуд нестанд;
- ба кормандоне, ки дар ҳамон ташкилот собиқаи тӯлонии кор доранд;
- ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, ихтисоси худро аз рӯи тахассуси дахлдор дар донишкадаҳои олӣ ва миёнаи махсус баланд мебардоранд ва шахсоне, ки аз истеҳсолот ҷудо шуда донишкадаҳои олӣ ва миёнаи махсус, касбҳои техникиро ба итмом расондаанд, ба шарте ки баъди хатми таҳсил дар давоми ду сол аз рӯи ихтисос кор кунанд;
- ба шахсоне, ки дар ҳамон ташкилот ҷароҳати меҳнатӣ гирифтаанд ё ба бемории касбӣ гирифтор шудаанд;
- ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробар;

2.6. Ба кормандоне, ки бинобар ихтисор шудани кор ё тағйир ёфтани шароити меҳнат аз кор озод мегарданд, кафолатҳои зеринро диҳад:

1) кӯмакпулии аз корравӣ дар ҳаҷми на камтар аз музди миёнаи якмоҳа;
2) нигоҳ доштани музди миёнаи якмоҳа дар давраи бо кор таъмин кардан дар давоми моҳи дуюм ва сеюми аз кор озод шудан сари вақт ба ин мақом муроҷиат карда, бо кор таъмин нашуда бошад;
3) ҳуқуқ барои як сол пеш аз мӯҳлати муқаррар кардаи қонунгузорӣ ба нафақа баромадани шахсони синни нафақа, ки собиқаи меҳнатӣ доранд ва он барои аз рӯи синну сол ба нафақа баромадан ҳуқуқ медиҳад.

Шахсоне, ки бинобар ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот ё бемории касбӣ барои иҷрои кори пештара қобилияташонро гум кардаанд, бо кормандони аз кор озодшуда баробар карда мешаванд.

Санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд мӯҳлати аз ин дарозтари нигоҳ доштани музди меҳнатро ба кормандони аз кор озодшуда дар давраи ба кор таъмин шудани онҳо пешбинӣ намоянд.

## III. Кафолатнокии пардохти музди меҳнат ва ҷубронпулӣ

3.1. Музди меҳнати коргарони МДТ ДТИТ мувофиқи
*(номи муассиса, ташкилот ё корхона)*
(моддаи 158 КМ ҶТ) мӯҳлати пардохти музди меҳнатро шартномаҳои коллективӣ ва ё дигар санади ҷузъии меъёрӣ муқаррар менамояд, вале он дар ҳар ниммоҳа камтар аз як маротиба буда метавонад.

Пардохти рухсатиҳои ҳарсолаи меҳнатӣ на дертар аз 1 рӯзи то саршавии рухсатии меҳнатӣ амалӣ карда мешавад.

3.2. Ба коргарони МДТ ДТИТ пас

- оиладории худи коргар - 3 рӯз бо муздаш 100%
- оиладории фарзандонааш - 2 рӯз бе музд
- фавти хешовандони наздик (волидайн, зан ва фарзанд - 3 рӯз бо муздаш 100%
- фавти дигар хешовандон - 2 рӯз бе музд
- гузаштан ба ҷои нави зист - 3 рӯз бе музд

## VI. Ҳифзи меҳнат

Корфармо ӯҳдадор аст бо ҳамроҳии иттифоқи касаба:

6.1. Дар смета, ҷудокунии маблағ барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, суғуртаи кормандонро дида барояд.

6.2. Тафтиш ва ҳисоботи ҳамаи ҳолатҳои фавқулодаро инчунин суғуртаи кормандон гузаронад.

6.3. Дар асоси «Қоидаҳои назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтори Ҷумҳурии Тоҷикистон» бехатарӣ аз сӯхтори биноро таъмин намояд.

6.4. Тайёркунии тамоми утоқҳои кории бинои муассиса (ташкилот, корхона)-и мазкур барои кор дар давраи зимистонгузарониро дида бароянд.

## VII. Такмили ихтисоси кадрҳо

Корфармо ӯҳдадор аст:

7.1. Кормандонро ба курсҳои такмили ихтисос равона карда, такмили ихтисоси коргарони роҳбарикунанда ва мутахассисонро таъмин намоянд.

7.2. Ба коргароне, ки бо муваффақият мутобиқ мешаванд, дар кор барои навиштани рисолаҳо мақолаҳои методи, як рӯзи музднок дар як моҳ, ҷудо намояд.

7.3. Дар сметаи хароҷоти маблағҳо, барои гирифтани маблағ бо мақсади нашри китобҳои зарурро ба нақша гиранд.

## VIII. Кафолатҳои фаъолиятӣ

Корфармо ӯҳдадор аст:

8.1. Ба фаъолияти иттифоқи касабаи муассиса (ташкилот, корхона)-и мазкур ҳамкорӣ намояд.

8.2. Таъмини пардохти ғайринақдии ҳаққи аъзогии иттифоқи касаба ва саривақт гузаронидани он ба суратҳисоби иттифоқи касаба ва идораҳои болоии иттифоқи касабаро назорат барад.

8.3. Гузаронидани 0,15 % маблағҳои пулӣ аз фонди музди меҳнати коргарон ва хизматчиёни корхона, барои гузаронидани корҳои фарҳангӣ ва варзишӣ таъмин намояд.

8.4. Нашркунӣ ва зиёдкунии маводҳои ахборотӣ, ки барои кори иттифоқи касаба зарур аст, дастрас намояд.

8.5. Маълумотҳоро ба иттифоқи касаба, ки манфиатҳои коллективҳои меҳнатиро баррасӣ менамояд, дастрас намояд.

## IX. Комитети иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад.

Идоракунии ҷамъиятиро бо назорати умумӣ аз болои амалӣ намудани қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнатро барад (мувофиқи Кодекси Меҳнати Ҷумҳрии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқи касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар боари хизмати давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар боран иттиҳодияҳои корфармоён»»).

Ҳамзамон комитети иттифоқи касаба назорати корҳои зеринро ба ӯҳда дорад:

- дар бораи тартиб ва сохтори пардохти музди меҳнат ва дигар намуди, даромадҳои коргарон;

- оид ба ҳаҷми ставкаи тарифӣ ва музди меҳнати вазифавӣ вобаста ба ихтисоси коргарон, ба шароити иҷрои корҳои мекардааш;

- оид ба тартиби индексатсияи даромадҳои пулии коргарони муассиса (ташкилот, корхона)-и мазкур;

- оид ба ташкил намудани шароити бехатарии меҳнат, беҳтаркунии ҳифзи саломатӣ, кафолати суғуртаи тиббии аъзоёни коллективҳои меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо;

- дар бораи азнавтайёркунии кадрҳо, бо кор таъминкунии коргарони аз кор озодшуда;

- оид ба батанзимдарории тартиботи меҳнатии дохилӣ;

- оид ба тартиби омӯзиш ва ҳал намудани баҳсҳо ба фаъолияти комиссияҳои созишномавӣ ва шартномаҳои коллективии воридшуда;

- оид ба таъин кардани тақсимот ва нигаҳдории биноҳо, объектҳои иҷтимоӣ- фарҳангӣ;

- дар бораи ташкилдиҳии муолиҷа ва дамгирии коргарон ва фарзандони онҳо;

- дар бораи таъминоти коргарон бо хӯроки гарм;

- дар бораи беҳтаркунии шароити зисти ветеранҳо, маъюбон ва нафақахӯрон, ки дар муассиса (ташкилот, корхона)-и мазкур кор мекунанд;

- оид ба ташкили шароити моддӣ барои фаъолияти иттифоқи касаба;

- оид ба гузаронидани чорабиниҳои сиҳаткунии курортӣ ва варзишӣ;

- бо дигар масъалаҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ - иқтисодӣ.

## X. Хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ ба кормандон

Корфармо ӯҳдадор аст:

10.1. Саривақт пасандозҳои суғуртавиро бо ҳаҷми дар қонунгузорӣ муайяншуда, ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ гузаронад, (дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 1998, №94, моддаи 359 Кодекси меҳнатии Ҷумҷурии Тоҷикистон, моддаҳои 17, 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ»).

10.2. Дар як сол як бор ташкил намудани шароитҳои лозимӣ барои гузаронидани кормандон аз назорати тиббӣ, ҳангоми доштани маблағ барои хизматрасонии кормандон, бо ташкилотҳои тиббӣ шартнома бандад.

10.3. Ташкил намудани нақлиёт барои ба кор овардан аз ҷои зист.

10.4. Ташкил намудани ошхонаҳо барон тайёр намудани хӯрок дар ҷои кор, аз он ҷумла фурухтани маҳсулотҳои ниёзи мардумро бо нархи арзон.

## ПРОТОКОЛИ

**Ҷаласаи умумии якҷояи маъмурият ва иттифоқи касабаи МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"**

«05» 02 соли 2024 ш.Душанбе

Ҳамаги дар муассиса 145 нафар
Иштирок доштанд 140 нафар
Иштирок надоштанд 4 нафар

Ҳайати ҷаласа:

1. Ибодзода З. Х.
М. Сорбон
2.
3. Сайфуллоева М. Х.

Рӯзномаи маҷлис

1. Оид ба муҳокима ва қабули Шартномаи коллективӣ барои солҳои 2024-2026
2. Таъсис додани комиссияи дутарафа, маъмурият ва Кумитаи иттифоқи касаба оид ба назорат ва иҷроиши уҳдадориҳои Шартномаи коллективӣ.

Аз рӯи масъалаи якум ва дуюми рӯзномаи маҷлис, баромади раиси Кумитаи иттифоқи касабаи МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"
Сайфуллоева М. Х.

Оид ба моҳият ва зарурати бастани Шартномаи коллективӣ, барои солҳои 2024-2026, тибқи муқаррароти модаи 306 Кодекси меҳнатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсис додани комиссияи дутарафаи, маъмурият ва Кумитаи иттифоқи касаба шунида шуд.
Рафиқони зерин Ибодзода З. Х. ва дигарон
Баромади Раиси иттифоқи касабаи муассисаро дастгирӣ намуда пешниҳод намуданд, ки Шартномаи коллективӣ ва комисияи дутарафаи байни маъмурият ва иттифоқи касаба тасдиқ карда шавад.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Шартномаи коллективӣ байни маъмурият ва Кумитаи иттифоқи касаба барои солҳои 2024-2026 баста шуда, тасдиқ карда шавад.
2. Барои назорат ва иҷроиши уҳдадориҳои Шартномаи коллективӣ комиссияи дутарафа, дар ҳайати 5 нафар таъсис дода шавад.

   Аз тарафи маъмурият Ибодзода З.Қ. М. Сорбон

   Очилов Б.Ғ.

   Аз тарафи иттифоқи касаба Саидуллоева М.Ҳ.

   Мулоҷонова Ф.М. Қайдарзода Б.М

3. Ба комиссия супорида шавад, ки назорати иҷроиши қарори мазкурро таъмин намуда, ҳар сол ба маъмурият ва Кумитаи иттифоқи касаба ахбороти муфассали хаттӣ манзур намоянд.

Раиси маҷлис Ибодзода З.Қ.

Котиби маҷлис Кодиров А.А.

«Тасдиқ карда шуд»
Дар ҷаласаи умумии коллективӣ МТҒ
"Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"
"16" 02 2024 сол

Ректори МТҒ "Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"
_________ н.и.и Ибодзода З.Ҳ.
"______________2024 сол

Раиси Кумитаи иттифоқи касабаи МТҒ
"Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"
_________ Сайфуллоева М.Ҳ.
"______________2024 сол

ШАРТНОМАИ КОЛЛЕКТИВӢ

Байни маъмурияти МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" ва Кумитаи иттифоқи касабаи муассисаи мазкур барои солҳои 2024-2026

Шартномаи коллективӣ аз ҷониби Сардори Раёсати меҳнат ва шуғли аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш.Душанбе "16" 02 соли 2024 таҳти №59 ба қайд гирифта шудааст.

Суроға: шаҳри Душанбе кучаи Клара Сеткина 2
Телефон: 902-902-859